**САФОРАТИ ҶОПОН ТОҶИКИСТОН**

Шаҳри Душанбе, кӯчаи Х.Назаров, 80/А
Тел: 992 (372) 27 54 36/46;
E-Mail: embjpn@db.mofa.go.jp

From the People of Japan

**EMBASSY OF JAPAN TAJIKISTAN**

80/A, Kh. Nazarov Str., Dushanbe, Tajikistan
Tel: 992 (372) 27 54 36/46;
E-Mail: embjpn@db.mofa.go.jp

**ИЗҲОРОТИ МАТБУОТӢ**

# АНҶОМ ЁФТАНИ ЛОИҲАИ СОХТИМОНИ БИНОИ НАВИ МАКТАБ ДАР НОҲИЯИ НОСИРИ ХУСРАВИ ВИЛОЯТИ ХАТЛОН ДАР ДОИРАИ КУМАКИ РАСМИИ РУШД АЗ ТАРАФИ ҲУКУМАТИ ҶОПОН

**Душанбе, Тоҷикистон**

19-уми майи соли 2026, Сафири Фавқулода ва Мухтори Ҷопон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, **хонум ФУРУТА Кэйко** дар маросими анҷомёбии «**Лоиҳаи сохтимони бинои нав барои муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №12 дар деҳаи Ҳамро Олимови ноҳияи Носири Хусрав»** ширкат варзид. Дар маросим раиси ноҳияи Носири Хусрав **ШАРИФЗОДА Маҳмадаюб,** кормандон ва хонандагони мактаб ва сокинони деҳа низ иштирок карданд.

Барои татбиқи ин лоиҳа дар доираи Барномаи кумакҳои бебозгашт барои бахши аъзами аҳолӣ ва амнияти башарии (GGP) Ҳукумати Ҷопон маблағ ба миқдори **113.500 долларов ИМА** ҷудо гардид. Дар натиҷа дар ҷойи бинои кӯҳнаи мактаби соли 1956 сохташуда, бинои нави замонавӣ бунёд гашт. Ин боис шуд, ки мушкили норасоии ҷойи нишаст дар синфхонаҳо ҳал гардад ва барои таълим шароити бехатар ва мусоид фароҳам оварда шавад.

Зимни суханронӣ, **хонум ФУРУТА** ҳозиринро бо анҷоми бобарори лоиҳаи муҳими иҷтимоӣ табрик намуда инчунин қайд кард, ки Ҷопон ҳамчун дӯсти боэътимоди Тоҷикистон дар тӯли беш аз 30 сол ба мардум дар соҳаҳои гуногун фаъолона кумак мерасонад ва соҳаи маориф дар мадди аввал меистад. **Муҳтарам Сафир** аз самими қалб ба хонандагон ҳаёти пурмӯҳтавои мактабӣ ва ба омӯзгорон дар фаъолияти пуршарафи онҳо дар шароити бинои муосири мактабӣ комёбиҳои минбаъда орзу кард.

Раиси ноҳияи Носири Хусрав, ҷ-би **ШАРИФЗОДА Маҳмадаюб**, кормандони мактаб ва сокинони деҳа миннатдории амиқи худро ба Ҳукумат ва мардуми Ҷопон барои кумаки расонидашуда изҳор карданд.

Ҳукумати Ҷопон ният дорад, ки дастгирии рушди иҷтимоӣ ва иқтисодии Тоҷикистонро идома диҳад.

*Барномаи кумакҳои бебозгашт барои бахши аъзами аҳолӣ ва амнияти башарӣ «GGP» тарҳи Барномаи расмии Ҷопон оид ба рушд маҳсуб мешавад. Кумакҳои бебозгашти лоиҳаҳои амнияти башарӣ барои бахши аъзами аҳолӣ ба ҳокимиятҳои маҳаллӣ, соҳаҳои маориф ва тандурустӣ, ҳамчунин ба созмонҳои ғайридавлатӣ дода мешавад. Аз соли 1996 то инҷониб, кумакҳои бебозгашт барои бахши аъзами аҳолӣ ва амнияти башарӣ* ***474*** *лоиҳаро ба маблағи умумии* ***$39,9*** *миллион доллари ИМА дар Тоҷикистон амалӣ намудааст, аз ҷумла* ***156*** *лоиҳа дар соҳаи тандурустӣ татбиқ шуданд.*

*Барои маълумоти бештар роҷеъ ба Барномаи расмии Ҷопон оид ба рушд ба саҳифаи сомонаи зайл назар андозед* [https://www.tj.emb-japan.go.jp/itpr_ru/kusanone_r.html](https://www.tj.emb-japan.go.jp/itpr_ru/kusanone_r.html)






